“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор
____________Ибодуллозода А. И.
«____»______6 июни________ 2023

ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Баҳорзода Сироҷиддини Ашур дар мавзуи «Саҳми Садриддин Айнӣ дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик (нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX)», ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-024-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09–Таърихнигорӣ, маъхашиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пешниҳод гардидааст.**

Диссертатсияи Баҳорзода Сироҷиддини Ашур дар доираи нақшаи дурнамои кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба иҷро расида, ба ихтисосе, ки аз рӯи он кор ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, мутобиқат намуда, дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ баррасӣ ва муҳокима гардида, ба он баҳои мусбӣ дода шуд.

Дар муҳокимаи диссертатсияи аъзоёни кафедра: докторони илмҳои таърих, профессор Ҳақназаров Абдуназар, номзадони илмҳои таърих, дотсентон М. Шарипов, А. Муродзода, М. Фозилова, Д. Негматов, С. П. Сайнаков, С. Ғуломшоев, М. Ганчакова, А. Умаров, Ф. Шарифзода, С. Толипова, инчунин муаллимони калон, ассистентон, унвонҷӯён ва докторантони кафедра иштирок доштанд.

Муассисаи тақриздиҳанда дар хулосаи мусбии худ, ки аз ҷониби доктори илмҳои таърих, профессор Абдуназар Ҳақназаров ва номзади

илмҳои таърих, дотсент Негматов Давлатшо Нуруллоевич омода гардидааст, иброз менамояд, ки диссертатсияи Баҳорзода Сироҷиддини Ашур дар мавзуи мубрам навишта шуда, аҳаммияти назариявию амалии илмӣ дорад.

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он асоснок карда шудааст, ки Садриддин Айнӣ дар пешрафти ҳаёти сиёсӣ, ичтимоӣ ва фарҳангии тоҷикон дар асри XX саҳм гузошта, бузургдошти номи ӯ масъулияти насли имруз аст. Дар радифи хидматҳои арзандаи Садриддин Айнӣ барои ривоҷи фарҳангу адабиёти тоҷик, нақши ӯ дар таҳқиқу инъикоси баъзе саҳифаҳои норавшани таърихи халқи тоҷик калон аст. Таҳқиқу баррасии осори таърихии Садриддин Айнӣ бар асоси маъхазҳои хаттӣ ва таҳқиқоти имкон медиҳад, ки саҳифаҳои нави таърихи гузаштаи мо муайян гардад.

Садриддин Айнӣ ҳамчун шоҳиди ҳол таҳаввулоти сиёсӣ ва фарҳангии сарнавиштсози миллати тоҷикро мушоҳида карда, дар бораи ҳодисаҳои охири асри XIX ва аввали асри XX назари худро дорад ва хулосаҳои илмии ӯ дар таърихнигорӣ сарчашмаи муътамад мебошанд.

**Объекти таҳқиқотро** таҳлили осори устод Садриддин Айниро доир ба масоили мубрами таърихи халқи тоҷик дар қиёс бо таҳқиқоти муҳаққиқони дигар дар бар мегирад.

**Предмети таҳқиқот** мушаххас кардани саҳми Садриддин Айнӣ дар омӯзиши масоили мубрами таърихи халқи тоҷики охири асри XIX ва ибтидои асри XX мебошад.

**Мақсади таҳқиқот** ин дар асоси осори Садриддин Айнӣ омӯхтани масоили мубрами таърихи халқи тоҷик ва нишон додани саҳми барҷастаи ӯ дар таърихнигории миллӣ мебошад.

**Навоварии имлии** кор дар он зоҳир мегардад, ки аз диди нав саҳми Садриддин Айнӣ дар омӯзиши марҳилаҳои муҳимми таърихи халқи тоҷик нишон дода шудааст.

**Сохтори диссертатсия** аз муқаддима, ду боб, хулоса, номгӯи сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи диссертатсионӣ асоснок гардида, дараҷаи коркард, максад ва вазифаҳои таҳқиқот, услуб ва усули коркарди мавзуъ мушаххас гардида, аҳаммияти назариявӣ ва амалии он нишон дода шуда, манобеъ ва навгонии илмии таҳқиқот, инчунин муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян шудааст.

Боби аввали диссертатсия ***«Инъикоси масоили мубрами таърихи охири асри XIX-и халқи тоҷик дар осори С. Айнӣ»*** аз се зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби аввал ***«Вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии охири асри XIX дар таҳқиқоти С. Айнӣ»*** ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии аморати Бухоро, таъсири иқтисодии Русияи подшоҳӣ, махсусан муносибатҳои сармоядорӣ ба аморат таҳлил шудааст.

С. Айнӣ вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии таърихи нимаи дуюми асри XIX-ро бо унвони давраи тираи халқи тоҷик аз нигоҳи манфиатҳои оммавӣ инъикос намуда, саҳми хешро дар пешрафти таърихнигорӣ гузошт. Аз омӯзиш ва таҳлили осори ӯ маълум мегардад, ки дар инъикоси вазъи давраи мазкур бештар ба ходими дигари барҷастаи сиёсию фарҳангии вақт Аҳмад Махдуми Дониш пайравӣ менамояд.

Хулоса, С. Айнӣ новобаста аз фишору ҷаҳолатҳои ҳокимони вақт дар роҳи худ устуворона ҳаёти заҳматкашонро дар осори худ ба таври воқеъбинона инъикос намудааст.

Дар зербоби дуюми боб ***«Вазъи фарҳанги халқи тоҷик дар охири асри XIX аз нигоҳи С. Айнӣ»*** мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Дар диссертатсия баён гардидааст, ки устод С. Айнӣ мавқеи хосси фарҳангро ба назар гирифта, дар осори хеш аз вазъи ин соҳаи афзалиятнок дар нимаи дуюми асри XIX дар Бухоро ёдовар гардида, онро ба таври мушаххас таҳлил намудааст. Яке аз унсурҳои хосси фарҳанг ва зинаи ибтидоии он низоми макотибу таҳсилот маҳсуб меёбад.

С. Айнӣ вазъи мактабу мадорис ва аҳли зиёро мавриди таҳлил қарор дода, аз вазъи буҳрони фарҳанг хабар медиҳад. Омили асоси ин буҳронро, ки тамоми соҳаҳои фарҳангро фаро гирифта буд, дар маърифатии пасти амир ва амалдорони давлатӣ медонист. Аз низоми пасти соҳаи маориф, ки замина рушди ҷомеа аст, шиква намуда, ягона роҳи аз ин буҳрон бароmadанро дар решакан кардани ин низоми истибдодии аморат медид.

Ба ақидаи муаллифи диссертатсия таҳлили объективӣ ва ба таври хеле содда инъикос намудани ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри Х1Х аз ҷониби устод С. Айнӣ яке аз аввалин ташаббусҳои ҷиддӣ дар роҳи омӯзонидани таърихи асили гузаштаи худ ба насли наврасу ҷавон мебошад.

Дар зербоби сеюми боби якум ***«Инъикос ва баррасии ҳаракати маорифпарварӣ дар осори С. Айнӣ»*** зуҳур ва нақши ҳаракати маорифпарварӣ дар ҳаёти фарҳангии тоҷикон таҳлил гардидааст. Диссертант қайд менамояд, ки С. Айнӣ ҳамчун муҳаққиқ ва меросбари мактаби маорифпарварон дар осори хеш оид ба хусусиятҳои ин мактаби маърифатию иҷтимоии халқи тоҷик ва намояндаҳои он то ҷое тавонистааст маълумоти муфассал пешниҳод намояд. Ҳамчунин қайд шудааст, ки сарчашмаи тамоми маълумоти марбут ба ҳаракати маорифпарварӣ қариб, ки аз осори С. Айнӣ чи аз асарҳои илмиаш ва чи аз он асарҳои бадей, ки ҳаёт ва фаъолияти ин муҳаққиқи барҷасатро инъикос менамояд, бароmeояд.

Диссертант ба хулосае меояд, ки таҳлили осори С. Айнӣ нишон медиҳад, ки маорифпарварон ҷоҳилии амалдорони Бухороро сабаби асосии бадбахтиҳо, бемаърифатии онҳо дониста, беҳтарсозии сифати таълиму тарбияро омили асосии аз мусибатҳои феодалӣ озод шудани ҷомеа медонистанд.

Дар боби дуюми диссертатсия ***«Масоили таҳлилу омӯзиши таърихи ибтидои асри XX-и халқи тоҷик дар осори С. Айнӣ»*** саҳми С. Айнӣ дар таҳқиқи таърихи *ибтидои асри XX-и* аморати Бухоро муайян гардидааст.

Дар зербоби аввали боби дуюм ***«Инъикоси паёмадҳои ҳамлаи Русияи подшоҳӣ ба Осиёи Миёна ва сиёсатҳои он дар минтақа дар таҳқиқоти Садриддин Айнӣ»*** сухан дар хусуси масъалаи истилои Осиёи Миёна аз ҷониби империяи Россия ва паёмадҳои он меравад.

Диссертант менависад, ки С. Айнӣ ки ҷараёни ҷангҳои Бухорову Русияро баррасӣ кардааст, дар таҳқиқи масъалаи мазкур аз сарчашмаҳои маҳаллӣ бештар ба асари Мирзо Азими Сомӣ такя кардааст.

Қайд карда мешавад, ки С. Айнӣ аз гуфтани бисёр воқеиятҳо чашм намепушад. С. Айнӣ марҳилаҳои асосии муносибати Русия бо Бухороро инъикос карда, дар бораи таъсироти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ин ҳодисаи муҳимми изҳори назар кардааст. Бинобар хулосаи ӯ инқилоби соли 1905-и Русия ва инқилоби Туркия ва Эрон амири Бухороро хотирпарешон карда буд.

Ҳамин тавр, С. Айнӣ ҳамеша ба асли таърихият ва воқеъбинона инъикос кардани ҳодисаҳои гузашта пойбандӣ нишон медиҳад. Ӯ ибрати таърихро хеле муҳим дониста, бовар дошт, ки дарси таърих сарнаҷом миллатҳои шарқ, аз ҷумла тоҷиконро бедор месозад.

Дар зербоби дуюм **«Садриддин Айнӣ ва масъалаҳои омӯзиши ҳаракати ҷадидия»** мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гирифтааст. Диссертант менависад, ки яке аз аввалин муҳаққиқони ҳаракати ҷадидия устод С. Айнӣ мебошад. Дар асоси таҳлилҳои устод С. Айнӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки яке аз омили қувват гирифтани муқобилони ҷадидон, ки ягона қувваи хайрхоҳи ҷомеа буданд, бесаводу аз аҳкоми шариат дур будани аксарият мардуми оддӣ, махсусан ҷавонон буд. Ин гуна ашхос воситаи асосии амалӣ гардидани ҳадафҳои ҳукумати золим ва муллоҳои ифортӣ шуда буд.

Хулоса, корҳои ташкилӣ ва амалии ҷадидонро муаррих дар асоси осори С. Айнӣ таҳлил намуда, ба хулосае меояд, ки ҳаракати мазкур бо ташкили мактаби усули нав, ташвиқ намудани халқ, ба толибилмон омӯхтани хату савод, навиштани китобҳои дарсӣ барои мактаб, рӯзнома, рисола, хулоса, адабиёти навро дар миёни мардум паҳн намудан, мардумро аз вазъияти замона огоҳ сохтан ва зарурати аз худ намудани донишро ба онҳо фаҳмонидан ва халқро ба худшиносӣ ва ҳимоя аз ҳуқуқҳои худ даъват намудан суръат гирифтааст.

Дар зербоби сеюми боби мазкур ***«Вазъи иҷтимоӣ-сиёсии ибтидои асри XX дар асоси осори С. Айнӣ»*** ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии халқи тоҷик дар ибтидои асри XX мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст. Диссертант менависад, ки Садриддин Айнӣ аз ҷумлаи он муаррихоне мебошад, ки новобаста аз мушкилоти замон ва имконоти на он қадар мусоид, ба таҳқиқи тамоми соҳаҳои ҷамъиятии таърихи ибтидои асри XX-уми халқи тоҷик пардохтааст.

Ба назари диссертант С. Айнӣ масъалаҳои сиёсию ҷамъиятии Бухороро дар ибтидои асри XX мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор дода, сиёсати мустамликадории Русияи подшоҳӣ, таъсири он ба ҳаёти ҷамъиятию сиёсии аморати Бухоро, сиёсати амирони он, вазъи сиёсӣ – ҷамъиятии аморатро воқеъбинона инъикос намудааст.

Диссертант хулоса мебарорад, ки устод С. Айнӣ дар ифшои ҷаҳолату низоҳои амалдорони давлатӣ наҳаросида, тамоми амалҳои разилонаи онҳоро аз амир сар карда то раису қозиҳои ҷудогона дар осори худ нишон додаанд.

**Дар хулоса** фикри ҷамъбастии муаллиф оид ба мавзуъ оварда шуда, инчунин пешниҳодҳои назариявӣ ва тавсияҳои ӯ низ боиси қабул мебошанд.

Ҳамин тавр, дар диссертатсия ҳаёт ва фаъолияти Садриддин Айнӣ ва саҳми ӯ дар инъикосу таҳқиқи масъалаҳои муҳимми таърихи халқи тоҷик мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Мазмуни автореферат бо

диссертатсия мувофиқ мебошад. Унвонҷӯ оид ба мавзуи диссертатсионӣ 6 кори илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 мақола дар дигар нашрияҳо аз чоп баровардааст.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия баъзе нуқсонҳо, норасоиҳои ба монанди зерин ба назар мерасанд:

1. Диссертант ҳангоми таҳқиқи масъалаи инъикоси вазъи иқтисодю иҷтимоии охири асри XIX маълумоти Садриддин Айниро бо маълумоти муаррихони ҳамзамонаш ва хулосаҳои муҳаққиқони муосир пурра ва мушаххас мавриди таҳлилу муқоиса қарор надодааст.

2. Дар масъалаи маорифпарварӣ ва ҷадидия назару хулосабарории шахсии диссертант ба таври амиқу дақиқ мушоҳида намешавад.

3. Дар хусуси таҳлили паёмади сиёсати забткоронаи Россияи подшоҳӣ дар баробари осори С. Айнӣ муаллифро зарур мебуд, ки ба таҳқиқоти муосири муаррихони ватанӣ ва хориҷӣ назар менамуд.

4. Дар матни диссертатсия камбудиҳои техникию имлоӣ низ ба чашм мерасанд.

Аммо эродҳои зикршуда зудислоҳшаванда буда, муаллиф метавонад ҳангоми ба нашр омода намудани монография онҳоро бартараф намояд.

Хулоса, диссертатсия дар мавзуи ***«Саҳми Садриддин Айнӣ дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик (нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX)»*** ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 267 давобгӯ буда, муаллифи он – Баҳорзода Сироҷиддини Ашур - сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз тарафи доктори илмҳои таърих, профессор Абдуназар Ҳақназаров ва номзади илмҳои таърих,

дотсент Негматов Давлатшо Нуруллоевич омода гардида, дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи таърихи халки тоҷик баррасӣ ва дар маҷлиси васеи ҳамин кафедра ҷонибдорӣ ва тасдик карда шудааст. Дар натиҷаи овоздиҳӣ аз - 17 нафар иштирокчиён: тарафдор - 17 нафар, зид - нест, бетараф - нест. (Суратмаҷлиси кафедра № 10 аз 05 июни соли 2023).

**Раиси ҷаласа, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ, номзади илмҳои таърих, дотсент** — **С. П. Сайнаков**

**Ташхисгарон:**
**профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ, доктори илмҳои таърих** — **А. Ҳақназаров**

**Дотсенти кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии ДДОТ ба номи С. Айнӣ, номзади илмҳои таърих** — **Д. Н. Негматов**

**Котиби ҷаласа, номзади илмҳои таърих** — **М. Шарипов**

Имзоҳои доктори илмҳои таърих, профессор А. Ҳақназаров, номзадони илмҳои таърих, дотсентон С. П. Сайнаков, Д. Н. Негматов ва М. Шариповро тасдиқ мекунам:

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ** — **Абдураким Мустафозода**
**“6” июни соли 2023**

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рудакӣ, 121,
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ